# ХУЛОСАИ

**комиссияи экспертии шурои диссертатсионии 6D.КОА-104 назди Институти фалсафа ва сиёсатшиносии ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ба диссертатсияи доктории Мирзода Фирӯз Сафаралӣ дар мавзуи «Ҳуқуқ ҳамчун институти иҷтимоӣ ва нақши он дар рушди устувори ҷомеаи муосири Тоҷикистон (таҳлили сотсиологӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои сотсиологӣ аз рӯйи ихтисоси 5.4.3 – Сохтори иҷтимоӣ, ниҳодҳо ва равандҳои иҷтимоӣ (илмҳои сотсиологӣ)**

1. Мавзуи диссертатсияи доктории Мирзода Ф.С., ки ба таҳқиқи ҳуқуқ ҳамчун институти иҷтимоӣ ва нақши он дар рушди устувори ҷомеаи муосири Тоҷикистон бахшида шудааст, аз ҷиҳати илмию амалӣ мубрам ва дорои аҳаммияти муҳим мебошад. Дар шароити бунёди давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд ва иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаҳои такмили низоми ҳуқуқӣ, баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии аҳолӣ, рушди маданияти ҳуқуқии шаҳрвандон ва таҳкими волоияти қонун аҳаммияти махсус пайдо мекунанд. Ҳуқуқ дар ҷомеаи муосир ҳамчун механизми муҳимми танзими муносибатҳои иҷтимоӣ баромад намуда, ба таъмини суботи иҷтимоӣ, ҳамгироии иҷтимоӣ ва рушди устувори ҷомеа мусоидат менамояд.

Мубрамии мавзуи таҳқиқот, инчунин, бо равандҳои дигаргуншавии иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва сиёсӣ дар ҷомеаи муосири Тоҷикистон алоқаманд аст. Дар шароити гузариш ба иқтисоди бозорӣ, рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ ва густариши муносибатҳои демократӣ, ҳуқуқ ҳамчун институти муҳимми иҷтимоӣ дар танзими муносибатҳои байни шаҳрвандон, ниҳодҳои давлатӣ ва дигар субъектҳои иҷтимоӣ нақши калидӣ мебозад. Аз ин рӯ, таҳқиқи сотсиологии ҳуқуқ ва муайян намудани вазифаҳои иҷтимоии он барои фаҳмиши равандҳои иҷтимоӣ ва таҳкими асосҳои ҳуқуқии ҷомеа аҳаммияти бузурги илмӣ дорад.

Мақсади таҳқиқоти диссертатсионӣ таҳлили сотсиологии ҳуқуқ ҳамчун институти иҷтимоӣ ва муайян намудани нақши он дар рушди устувори ҷомеаи муосири Тоҷикистон мебошад. Барои ноил гардидан ба ин мақсад муаллиф як қатор вазифаҳои илмиро муайян намуда, масъалаҳои назариявию методологии омӯзиши ҳуқуқ, вазифаҳои иҷтимоии ҳуқуқ, таъсири ҳуқуқ ба сохтори иҷтимоии ҷомеа, инчунин, масъалаҳои нигилизми ҳуқуқӣ ва ташаккули ҳувияти ҳуқуқии шаҳрвандонро мавриди таҳлил қарор додааст.

**Дарачаи эътимоднокии натичаҳои таҳқиқот** бо истифодаи равишҳо ва методҳои муосири илмӣ таъмин карда шудааст. Дар таҳқиқоти диссертатсионӣ методҳои умумии илмӣ ва махсуси сотсиологӣ, аз ҷумла таҳлили назариявӣ, таҳлили муқоисавӣ, таҳлили системавӣ, усулҳои оморӣ, пурсиши сотсиологӣ ва дигар усулҳои таҳқиқоти сотсиологӣ истифода гардидаанд. Пойгоҳи эмпирикии таҳқиқот натиҷаҳои таҳқиқоти сотсиологӣ, маълумоти омории расмӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, инчунин, адабиёти илмии ватанӣ ва хориҷиро дар бар мегирад. Истифодаи чунин маҷмуи васеи сарчашмаҳо ва методҳо ба муаллиф имкон додааст, ки натиҷаҳои илмии асоснок ва боэътимод ба даст оварад.

**Навгонии илмии таҳқиқот** дар он зоҳир мегардад, ки дар диссертатсия бори аввал дар доираи илми сотсиологияи ватанӣ таҳлили мукаммали сотсиологии ҳуқуқ ҳамчун институти иҷтимоӣ дар шароити ҷомеаи муосири Тоҷикистон анҷом дода шудааст. Муаллиф асосҳои назариявию методологии таҳлили сотсиологии ҳуқуқро такмил дода, вазифаҳои иҷтимоии ҳуқуқ ва таъсири онро ба равандҳои иҷтимоӣ муайян намудааст. Дар таҳқиқот нақши ҳуқуқ дар танзими муносибатҳои иҷтимоӣ, ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ, рушди синфи миёна, ҷойивазкунии иҷтимоии шаҳрвандон ва таъмини ҳамгироии иҷтимоӣ асоснок карда шудааст.

Дар диссертатсия, инчунин, масъалаи нигилизми ҳуқуқӣ ҳамчун яке аз зуҳуроти номатлуби ҷомеаи муосир мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Муаллиф сабабҳо ва омилҳои пайдоишу паҳншавии нигилизми ҳуқуқиро таҳлил намуда, роҳҳои баланд бардоштани шуур ва маданияти ҳуқуқии шаҳрвандонро пешниҳод кардааст. Дар баробари ин, дар таҳқиқот масъалаи ташаккули ҳувияти ҳуқуқӣ ҳамчун омили муҳимми ҳамгироии иҷтимоӣ ва таҳкими ҷомеаи шаҳрвандӣ баррасӣ шудааст.

Нуктаҳое, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, дорои навгонии илмӣ буда, барои рушди минбаъдаи сотсиологияи ҳуқуқ ва таҳқиқоти сотсиологӣ дар соҳаи институтҳои иҷтимоӣ аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ доранд. Натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд дар таҳияи сиёсати давлатӣ дар соҳаи баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии аҳолӣ, такмили низоми ҳуқуқӣ ва таҳкими асосҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ истифода шаванд.

**Саҳми шахсии довталаб** дар таҳияи масъалаҳои илмии таҳқиқот назаррас мебошад. Мирзода Ф.С. мустақилона консепсияи таҳқиқотро таҳия намуда, таҳқиқоти сотсиологиро анҷом дода, натиҷаҳои бадастомадаро

таҳлил ва ҷамъбаст намудааст. Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар мақолаҳои илмии муаллиф, аз ҷумла дар маҷаллаҳои илмии тақризшаванда, ки аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионӣ тавсия шудаанд, инъикос гардидаанд.

2. Диссертатсия ба талаботи бандҳои 31-33 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ гардидааст, мутобиқат менамояд. Таҳқиқот ба назарияҳои муосири сотсиологӣ асос ёфта, заминаҳои назариявӣ ва амалии омӯзиши ҳуқуқ ҳамчун институти иҷтимоӣ ва нақши он дар рушди устувори ҷомеаи муосири Тоҷикистонро фароҳам меорад. Натиҷаҳои илмӣ ва тавсияҳои амалӣ дар асоси таҳлили илмӣ, инчунин, натиҷаҳои таҳқиқоти назариявӣ ва амалӣ пешниҳод шудаанд. Диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона таҳия гардида, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад. Натиҷаҳо ва қонунмандиҳои нави илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод шудаанд, саҳми шахсии муаллифи диссертатсия ба ҳисоб мераванд.

3. Мавзуъ ва муҳтавои таҳқиқоти диссертатсионӣ ва автореферати он ба шиносномаи ихтисоси 5.4.3 – Сохтори иҷтимоӣ, ниҳодҳо ва равандҳои иҷтимоӣ (илмҳои сотсиологӣ), ки аз рӯйи он ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-104 мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 октябри соли 2025, №421/шд ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мутобиқ мебошад. Ҳамзамон таҳқиқоти мазкур ба талаботи Феҳристи ихтисосҳо, ки аз рӯйи онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дараҷаҳои илмӣ дода мешавад ва бо қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 сентябри соли 2025, №10 тасдиқ гардидааст, мувофиқат мекунад.

4. Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсиониро Мирзода Фирӯз Сафаралӣ дар 47 интишороти илмӣ нашр намудааст, аз ҷумла дар 2 монография ва 45 мақолаи илмӣ. Аз ин шумора 25 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои илмии тақризшаванда, ки аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии Вазорати илм ва таҳсилоти олии Федератсияи Россия тавсия шудаанд, ба табъ расидаанд.

5. Дар таҳқиқоти диссертатсионии Мирзода Фирӯз Сафаралӣ дар мавзуи «Ҳуқуқ ҳамчун институти иҷтимоӣ ва нақши он дар рушди устувори

ҷомеаи муосири Тоҷикистон (таҳлили сотсиологӣ)» ҳамаи манбаъҳои илмӣ бо ишора ба муаллифони онҳо оварда шудаанд. Ин ҳолат аз риоя гардидани талаботи банди 37 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, гувоҳӣ медиҳад. Дар диссертатсия ва дигар ҳуҷҷатҳои пешниҳодшуда усулҳои илмии истифодашуда боэътимод буда, ба ихтисоси илмии диссертатсия мутобиқат мекунанд.

6. Комиссияи экспертии Шурои диссертатсионӣ бо дарназардошти банди 56 Низомнома дар бораи Шурои диссертатсионӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, инчунин, банди 60 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267) пешниҳод менамояд:

1) Диссертатсияи Мирзода Фирӯз Сафаралӣ дар мавзуи «Ҳуқуқ ҳамчун институти иҷтимоӣ ва нақши он дар рушди устувори ҷомеаи муосири Тоҷикистон (таҳлили сотсиологӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои сотсиологӣ аз рӯйи ихтисоси 5.4.3 – Сохтори иҷтимоӣ, ниҳодҳо ва равандҳои иҷтимоӣ дар Шурои диссертатсионии 6D.КОА-104 назди Институти фалсафа ва сиёсатшиносии ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон барои ҳимоя қабул карда шавад.

2) Ба ҳайси муқарризони расмӣ таъин карда шаванд:

– Хусанова Хайринисо Тайировна – доктори илмҳои сотсиологӣ, профессори кафедраи сотсиологияи Донишгоҳи миллии Ӯзбекистон ба номи Мирзо Улуғбек (ш. Тошканд, Ҷумҳурии Ӯзбекистон);

– Бобоҷонзода Исрофил Ҳусейн – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, мудири шуъбаи масъалаҳои назариявии давлат ва ҳуқуқи муосири Институти давлат ва ҳуқуқи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон (ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон).

– Ҷононов Сайдамир – доктори илмҳои фалсафа, профессори кафедраи сиёсатшиносӣ ва муносибатҳои байналмилалии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон (ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон)

3) Ба ҳайси муассисаи пешбар таъин карда шавад: Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода.

4) Нашри эълон оид ба ҳимояи ошкорои диссертатсия дар Шурои диссертатсионӣ ва ҷойгир намудани матни диссертатсия ва автореферат дар сомонаи расмии Институти фалсафа ва сиёсатшиносии ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ва дар сомонаи расмии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5) Барои чопи автореферати диссертатсия бо ҳуқуқи дастнавис ва ирсол намудани он ба суроғаҳои дахлдор иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссияи экспертӣ:**
доктори илмҳои фалсафа — Г.Г. Кахоров

**Аъзои комиссияи экспертӣ:**
доктори илмҳои фалсафа — Н.Д. Маҳмадизода

доктори илмҳои сиёсӣ,
профессор — Г.Н. Зокиров